Тартибдиҳанда Ҳусейнов Р. Р.
Сардори ҶДММ «Маркази пешбурди савдо ва содирот»

## Пешбурди фаъолият дар соҳаи маориф

(мактаби ғайридавлатии – хусуӣ, миёнаи умумӣ)

Асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф, ҚонуниҶумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», муайян менамояд.

### Таҳсилоти умумӣ

Таҳсилоти умумӣ тавассути муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ, мактабҳои (синфҳои) камнуфус ва дигар муассисаҳои таълимӣ дар се зина: ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ, амалӣ мегардад.

### Стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ

Стандартҳои давлатии таҳсилот аз нишондиҳандаҳои зерин иборатанд:
- ҳадди ақалли ҳатмии мазмуни барномаҳои таълимӣ ва шарту шароити иҷрои онҳо;
- ҳаҷми ҳадди ақал ва ниҳоии соатҳои таълимӣ;
- талаботи асосӣ ба сатҳ ва сифати тайёрии хатмкунандагон;
- мӯҳлати омӯзиши барномаҳои таълимӣ;
- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи меъёрии марбут ба таҳсилот;

Барномаҳои таълимӣ, мутобиқи стандартҳои давлатии таҳсилот таҳия мегарданд. Барномаҳои таълимӣ иборатанд аз таҳсилоти умумӣ – ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ.

### Шакли ташкилӣ – ҳуқуқӣ

Мактаби миёнаи умумӣ (минбаъд мактаб) метавонад танҳо чун шахси ҳуқуқӣ - ташкилоти тиҷоратӣ (ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд - ҶДММ, ҷамъияти саҳҳомӣ пӯшида – ҶСП, ва ё кушода – ҶСК) ва ғайритиҷоратӣ (муассиса) таъсис шавад.

Мактаб дар шакли ҶДММ метавонад аз ҷониби як ё якчанд шаҳрвандон, аз ҷониби як ё якчанд шахси ҳуқуқӣ, аз ҷониби шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ таъсис дода шавад. Дар ҳар сурат, шумораи умумии муассисон на бояд аз 30 нафар зиёд бошад.

Мактаб дар шакли муассиса метавонад аз ҷониби як ё якчанд шаҳрвандон, аз ҷониби як ё якчанд шахси ҳуқуқӣ, аз ҷониби шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ таъсис дода шавад. Шумораи муассисон, дар шакли муассиса, маҳдуд нест.

Мактаб дар шакли ҷамъияти саҳҳомӣ метавонад аз ҷониби як ё якчанд шаҳрвандон, аз ҷониби як ё якчанд шахси ҳуқуқӣ, аз ҷониби шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, таъсис дода шавад. Шумораи муассисон маҳдуд нест.

Мактаб дар шакли муассиса - ташкилоти ғайритиҷоратӣ буда, мақсади он гирифтани даромад намебошад ва танҳо ташкили таҳсилот ва додани маълумот мебошад (яъне муассисон аз фаъолияти он дар ҳеҷ сурат даромад гирифта наметавонанд). Ин шакли ташкили ҳуқуқӣ, яъне муассиса, пурра ё қисман аз ҷониби муассисон маблағгузорӣ мегардад.

### Оинномаи мактаби миёнаи умумӣ

Оинномаи мактаб ҳуҷҷатест, ки фаъолияти онро танзим намуда, бояд маълумотҳои зеринро дар бар гирад:
- ном, маҳалли ҷойгиршавӣ ва мақоми мактаб;
- муассис (муассисон);
- шакли ташкилию ҳуқуқӣ;
- маълумот оид ба намояндагиву филиалҳо;

- мақсади раванди таълиму тарбия, намуд ва шаклҳои барномаҳои татбиқшавандаи таълимӣ;

- тавсифи асосии ташкили раванди таълим, аз ҷумла забони таҳсил, тартиби қабул ва хориҷ намудани таълимгиранда, мӯҳлати таҳсил, тартиби гузаронидани санҷишу имтиҳон, реҷаи кории мактаб, тартиботи дохилии фаъолияти мактаб, инчунин хизматрасонии таълимии пулакӣ ва тартиби пешниҳоди он;

- тартиби ба расмият даровардани муносибатҳои мактаб бо хонандагон ва падару модари онҳо (шахсони онҳоро ивазкунанда);

- сохтори фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидории мактаб, аз ҷумла тартиби истифодаи объектҳои моликият, манбаъҳои маблағгузорӣ, таъминоти моддию техникӣ, тартиби ташаккули моликият, намуди фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолияти пулакӣ;

- тартиби идоракунии мактаб, аз ҷумла салоҳияти муассис (муассисон), тартиби ташкили тарзи идоракунӣ, тартиби қабул, ҷобаҷогузории кормандон, шартҳои пардохти музди меҳнати онҳо, тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба оинномаи мактаб, тартиби азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳӣ;

- ҳуқуқу вазифаҳои субъектҳои раванди таълиму тарбия;

- феҳристи санадҳои дохилие, ки фаъолияти мактабро танзим менамоянд.

## Таъсиси мактаби миёнаи умумӣ

Мактаб аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, бо тартиби муқарраргардида аз қайди давлатӣ мегузарад.

Барои таъсиси мактаб муассис (ва ё муассисон) (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) амалҳои зеринро бояд анҷом диҳад:

1. Таҳия намудани оинномаи мактаб.
2. Таҳияи шартномаи таъсиси мактаб ва ё қарор (агар муассис як нафар бошад).
3. Гузаронидан ва таҳияи протоколи маҷлиси таъсисотӣ, ки бояд дар он оинномаи мактаб тасдиқ гардида мутобиқи оинннома мақомотҳои идоракунӣ интихоб (тайин) гарданд.

**Эзоҳ:** Тавсия дода мешавад, ки пеш аз таҳияи ҳуҷҷатҳо, номи фирмавии мактаб таҷдиди назар гардад. Яъне аз вуҷуд доштан ва ё надоштани шахси ҳуқуқӣ бо чунин номи фирмавӣ аз бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ маълумот гирифта шавад. Дар сурати вуҷуд доштани шахси ҳуқуқи бо чунин ном, дигарбора шахси ҳуқуқӣ бо чунин номи фирмавӣ аз қайди давлатӣ гузаронида намешавад.

Пас аз таҳия гардидани ҳуҷҷатҳои таъсисотӣ (оинннома, шартномаи таъсисотӣ (қарори муассис) протоколи маҷлиси таъсисотӣ) аз ҷониби муассисон имзогардида бояд маълумотнома оид ба ҷойгиршавии мактаб дастрас карда шавад.

Маълумотномаи мазкур аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр/ноҳияи маҳалли ҷойгиршавии мактаб, дар асоси шартномаи иҷора (агар амволи ба иҷора гирифташаванда моликияти давлатӣ бошад), ва ё пешниҳоди шартномаи иҷораи амвол (агар амволи ба иҷора гирифташаванда моликияти ғайридавлатӣ бошад) ва ё пешниҳоди шиносномаи техникии амвол (агар амвол шахсӣ бошад) дода мешавад.

Ба ҳуҷҷатҳои дар боло зикр гардида илова мегарданд: нусхаи шиноснома ва шаҳодатномаи РМА-и муассис, агар шахсони воқеӣ бошанд, ва шаҳодатномаи бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ, шаҳодатномаи РМА, маълумотнома аз нозироти андоз оид ба набудани қарз дар назди буҷети давлатӣ, ариза барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ аз рӯи шакли тасдиқнамудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ (нусхаи онро дар бахши бақайдгирии шахсони ҳуқуқи ва соҳибкорони инфиродии нозироти андоз дастрас мекунад).

**Эзоҳ:** Тавсия дода мешавад, ки ҳуҷҷатҳои дар боло зикр гардида ба кормандони бахши бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии нозироти андоз пешакӣ нишон дода шуда, тавсия ва пешниҳоди кормандони бахш гирифта шавад, аз ҷумла ба рӯйхати андозсупорандагони бемасъул ва ё ба онҳо алоқаманд дохил набудани яке аз муассисон.

Ҳамаи ҳуҷҷатҳои таҳиягардида бо пардохтномаи супоридани боҷи давлатӣ барои амалҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ба андозаи 25 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (1000 сомонӣ барои ташкилотҳои тиҷоратӣ), ва 7 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (280 сомони барои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ) ва пардохтномаи супоридани боҷи давлатӣ барои нигоҳдории Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ва пешниҳод намудани иқтибос аз Феҳристи мазкур - ба андозаи ду нишондиҳанда (80 сомонӣ) барои ҳисобҳо, ба бахши бақайдгирии шахсони ҳуқуқи ва соҳибкорони инфиродии нозироти андози маҳалли ҷойгиршавии мактаб супорида мешаванд.

**Ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ**

1. Барои амалигардонии бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1) ариза барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ аз рӯи шакли тасдиқнамудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ;

2) қарори муассис (протоколи маҷлиси муассисон) дар бораи таъсисдиҳии шахси ҳуқуқӣ. Қарор дар бораи таъсисдиҳии шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби муассис (муассисон)-и шахси ҳуқуқӣ имзо карда мешавад;

3) нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти роҳбари мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқии таъсисёбанда, дар сурати аз ҷониби роҳбари мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқии таъсисёбанда пешниҳод гардидани ҳуҷҷат ё нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, ва ё ваколатнома ба номи шахси ваколатдор, дар сурати аз ҷониби шахси ваколатдори муассисон пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳо, барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ;

4) нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти ҳар як муассиси (шахси воқеӣ) шахси ҳуқуқии таъсисёбанда ва маълумотномаи мақомоти андоз, нисбат ба муассиси шахси ҳуқуқӣ, доир ба надоштани қарзи андоз;

8) пардохтномаи (квитансия) боҷи давлатӣ;

9) нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқии таъсисёбанда.

**Тартиби бақайдгирӣ**

Бақайдгирии давлатии таъсисдиҳӣ, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, пешбурд ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» амалӣ мегардад.

**Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ**

Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ бахши бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии Нозироти андози шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯи маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқӣ мебошанд.

Бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ дар муддати то панҷ рӯзи корӣ, аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо, бо додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ, дар худи ҳамин муддат амалӣ мегардад.

**Ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ**

Ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ ин Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ мебошад. Инчунин дар ҳамин вақт Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ гирифта мешавад.

**Рад кардани бақайдгирии давлатӣ**

Бақайдгирии давлатӣ дар асосҳои зерин рад мегардад:

1) агар ҳуҷҷатҳои бо мақсади бақайдгирии давлатӣ пешниҳодгардида ба талаботи муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат накунанд;

2) агар номи фирмавии шахси ҳуқуқӣ ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат накунад;

3) агар бо худи ҳамон ном дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси ҳуқуқии дигар ба қайд гирифта шуда бошад;

4) агар муассиси шахси ҳуқуқии таъсисёбанда аз ҳисоби андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ аз буҷет қарздор бошад;

5) агар шахси ҳуқуқӣ - муассиси шахси ҳуқуқии таъсисёбанда дар марҳилаи барҳамдиҳӣ қарор дошта бошад;

6) ҳангоми ҷой доштани баҳси судӣ, байни муассисони шахси ҳуқуқӣ, тибқи мурофиати хаттии онҳо;

7) Агар андозсупоранда ва (ё) шахси масъули андозсупоранда ҳамчун муассис ва (ё) роҳбари дигар шахси ҳуқуқие бошад, ки ба рӯйхати андозсупорандагони бемасъулият дохил карда шудааст.

## Амалҳо пас аз бақайдгирии давлатии мактаби миенаи умумӣ

<u>Мӯҳри кунҷӣ ва даврӣ</u>

Пас аз гирифтани Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ дар яке аз корхонаҳои мӯҳрсозӣ бояд мӯҳри даврӣ ва кунҷӣ гирифта шавад. Ба коргоҳи мӯҳрсозӣ бояд пешниҳод карда шаванд: Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии муассиса, нусхаи шиноснома ва шаҳодатномаи РМА-и сардори муассиса.

Мӯҳри кунҷӣ ва даврӣ вобаста ба маҳал дар муддати кӯтоҳтарин то 2 рӯзи корӣ (бо назардошти гирифтани маълумотнома аз ШВКД-и маҳалӣ) сохта дода мешаванд.

**Эзоҳ:** дар эскизи мӯҳр ҳатман РМА ва РЯМ (рақами ягонаи мушаххас) - и муассиса бояд сабт ёбанд.

<u>Рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА)</u>

Бо гирифтани мӯҳр аз нозироти андоз бояд шаҳодатномаи РМА гирифта шавад.

<u>Омор</u>

Бо пешниҳоди оиннома, нусхаи шаҳодатномаи РМА-и муассиса; нусхаҳои шаҳодатномаи РМА ва шиносномаи сардор ва сармуҳосиби муассиса, аз агентии омори вилоят ва шаҳр/ноҳия ҳуҷҷатҳои лозимаи ин мақомот дастрас мегарданд.

<u>Ҳифзи иҷтимоӣ</u>

Бо пешниҳоди оиннома, нусхаи шаҳодатномаи РМА муассиса; нусхаҳои шаҳодатномаи РМА ва шиносномаи сардор ва сармуҳосиби муассиса аз агентии ҳифзи иҷтимоӣ ва нафақа ҳуҷҷатҳои лозимаи ин мақомот дастрас мегарданд (маълумотномаи РИС – рақами суғуртавии иҷтимоӣ).

<u>Бонк</u>

Бо пешниҳоди нусхаҳои шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии муассиса, РМА, РИС, Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, нусхаи шиноснома ва шаҳодатномаи РМА-и сардор ва сармуҳосиби муассиса, дар яке аз бонкҳо, суратҳисоб кушода мегардад.

**Эзоҳ:** Ҳоло ҳозир бонкҳо метавонанд имзои сардор ва сармуҳосибро худ тасдиқ намоян (бидуни нотариус).

Пас аз бақайдгирии муассиса бояд фаромӯш накард, ки аз рӯзи гирифтани Шаҳодатнома бақайдгирии давлатӣ ҳар моҳ (се моҳа) ба нозироти андоз, агентии ҳифзи иҷтимоӣ ва нафақа, омор, ҳисоботҳои дахлдор новобаста аз он, ки муассиса амал кард ё не, амалҳои молӣ ва ё пулӣ анҷом ёфтаанд ё не, супорида шаванд.

## Пас аз қонунигардонии мактаб

Пас аз марҳилаи қонунигардонии мактаб, омодагӣ ва таҳияи ҳуҷҷатҳо барои гирифтани Иҷозатнома, барои пешбурди фаъолияти таълимӣ, кори он пурра оғоз меёбад.

*Омодагии бино ва иншоотҳои мактаб*

- омодагии бинои мактаб ва иншоотҳои он (иншоотҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, тайёрии ибтидоии ҳарбӣ, хобгоҳ, хӯроккурӣ, хизмати аввалияи тиббӣ, санитарӣ);
- ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқии соҳибӣ намудан (шиносномаи техникӣ), истифода бурдан ё ихтиёрдорӣ намудани бино (шартномаи иҷора) дар давраи мӯҳлати амали иҷозатнома;
- таъмин будани хонандагон, тарбиятгирандагон ва кормандон бо хӯрок ва хизматрасонии тиббӣ;
- муҷаҳаз намудани мактаб бо таҷҳизоти моддию техникӣ;
- дастрас намудани хулосаи мусбии мақомоти санитарию эпидемиологӣ ва оташнишонӣ дар бораи мувофиқ будани бинои истифодашаванда барои татбиқи раванди таълим.

*Барномаҳои таълимӣ*

- таҳияи Барномаҳои таълимӣ мутобиқи стандартҳои давлатии таҳсилот;
- дастрас намудани адабиёти таълимӣ;

*Кадрҳо ва кормандон*

- пурра намудани ҷадвали штатӣ (ба кор қабул намудани кормандон).

*Таҳияи маълумотҳо*

- маълумот дар бораи сохтори мактаб (мутобиқи оиннома), пурра будани ҷадвали штатӣ, шумораи тахминии хонандагон ва тарбиятгирандагон;
- маълумот дар бораи таъминоти кадрии раванди таълим, дараҷаи омӯзгории кормандони педагогӣ ва шароитҳои ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб кардани онҳо;
- маълумот дар бораи таъминот бо адабиёти таълимӣ ва таҷҳизоти моддию техникӣ;
- маълумот дар бораи дараҷаи ихтисоси кормандони мактаб.

## Иҷозатномадиҳӣ барои пешбурди фаъолияти таълимӣ

Иҷозатномадиҳӣ барои пешбурди фаъолияти таълимӣ дар соҳаи маориф, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" ва Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.04.2007 № 172, дар таҳрири нав) амалӣ карда мешавад.

Иҷозатнома аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

Муассисаи таълимӣ танҳо пас аз гирифтани иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти таълимӣ, ҳуқуқи амалӣ намудани барномаҳои таълимиро пайдо менамояд.

## Мӯҳлати амали иҷозатнома

Мӯҳлати амали Иҷозатнома 5 сол мебошад.

## Ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои гирифтани Иҷозатнома

- ариза дар бораи додани иҷозатнома барои намуди фаъолияти иҷозатномадодашаванда, ки дар он маълумотҳои зерин нишон дода мешаванд:

а) барои шахси ҳуқуқӣ - ном ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ, суроғаи ҳуқуқӣ, рақами суратҳисоб ва шӯъбаи бонк;

- намуди фаъолияти иҷозатномадодашаванда, ки шахси ҳуқуқӣ мақсади анҷом додани онро дорад, ва мӯҳлате, ки дар давоми он чунин намуди фаъолият анҷом дода мешавад;
- нусхаи ҳуҷҷате, ки бақайдгирии давлатии мактабро тасдиқ мекунад;
- нусхаи рақами мушаххаси андозсупоранда;
- маълумот дар бораи дараҷаи ихтисоси кормандони мактаб.

**Ҳуҷҷатҳои иловагӣ барои додани иҷозатнома:**

- ариза бо нишон додани номгӯи барномаҳои таълимӣ;
- маълумот дар бораи сохтори мактаб, пурра будани ҷадвали штатӣ, шумораи тахминии хонандагон ва тарбиятгирандагон;
- маълумот дар бораи биноҳо, иншоотҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, тайёрии ибтидоии ҳарбӣ, хобгоҳ, дар бораи таъмин будани хонандагон, тарбиятгирандагон ва

кормандон бо хӯрок ва хизматрасонии тиббӣ, бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқии соҳибӣ намудан, истифода бурдан ё ихтиёрдорӣ намудани бино дар давраи мӯҳлати амали иҷозатнома;

- хулосаи мусбии мақомоти санитарию эпидемиологӣ ва оташнишонӣ дар бораи мувофиқ будани бинои истифодашаванда, барои татбиқи раванди таълим;
- маълумот дар бораи таъминот бо адабиёти таълимӣ ва таҷҳизоти моддию техникӣ;
- маълумот дар бораи таъминоти кадрии раванди таълим, дараҷаи омӯзгории кормандони педагогӣ ва шароитҳои ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб кардани онҳо.

**Қабули қарор дар бораи додан ё надодани иҷозатнома**

Мақоми иҷозатномадиҳанда, қарор дар бораи додан ё надодани иҷозатномаро, дар мӯҳлати на зиёда аз сӣ рӯзи расидани аризаи довталаби иҷозатнома, бо тамоми ҳуҷҷатҳои лозима, қабул мекунад.

Асосҳои надодани иҷозатнома инҳо мебошанд:

- агар ҳуҷҷатҳои пешниҳодкардаи довталаби иҷозатнома дорои маълумоти нодуруст ё ғалат бошанд;
- агар довталаби иҷозатнома, объектҳои ба ӯ тааллуқдошта ё аз тарафи ӯ истифодашаванда ба шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ номувофиқ бошанд;
- агар вобаста ба намуди пешбинишудаи фаъолият аз тарафи мақомоти дахлдор ҷиҳати мутобиқати шароити фаъолият ва талаботи ба онҳо пешбинишаванда хулосаи манфӣ дода шуда бошад.

**Пардохти ҳаққи Иҷозатнома**

Барои баррасии ариза оид ба додани иҷозатнома ба андозаи чор нишондиҳанда барои ҳисобҳо (160 сомонӣ) ҳақ пардохта мешавад.

Барои додани иҷозатнома ба намудҳои фаъолият ба андозаи даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳақ (400 сомонӣ) пардохта мешавад.

Иҷозатнома ҳуқуқи амалӣ гардонидани корҳои таълимиро фақат ба он равия, ихтисос, дараҷа, мӯҳлат, шакли таълим, миқдори ниҳоии муҳассилин ва дигар нишондодҳо медиҳад, ки дар замимаи он зикр гардидаанд.

**Андозбандӣ**

Муассиса метавонад бо ду низоми андозбанбӣ фаъолият кунад.

1. Агар даромади умумии бо усули кассавӣ ҳисобшудаи муассиса дар соли пешинаи тақвимӣ аз 500 ҳазор сомонӣ зиёд нест, аз низоми Соддакардашудаи Андозбандӣ истифода мебарад.

Дар ин сурат муассиса, чун Андоз аз Фоида, 6% даромади умумиро ба сифати андоз аз даромад месупорад.

Дар як вақт муассиса андозсупорандаи андоз аз амволи ғайриманқул (вобаста ба масоҳат ва ҷойгиршавии амволи ғайриманқул ҳамасола дар Нозироти Андоз азнав дида баромада мешавад) ва андозҳои вобаста ба музди меҳнатро (Андозҳои иҷтимоӣ – 1% ва 25% ва Андоз аз даромади шахсони воқеӣ – 8%-13% аз рӯи ҷадвал) ба дӯши худ мегирад.

2. Агар даромади умумии муассиса дар соли пешинаи тақвимӣ аз 500 ҳазор сомонӣ зиёд бошад, муассиса дар Низоми Умумии Андозбандӣ қарор мегирад.

Дар ин сурат муассиса аз 1 январи соли 2015, чун Андоз аз Фоида, 24%, вале на кам аз 1% даромади умумӣ (аз 1 январи соли 2017 – 23%, вале на кам аз 1% даромади умумӣ) бояд пардохт намоя.

Андозҳои дигар, ба тариқи дар боло зикршуда, сурат мегиранд.